Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. шаҳри Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мутобиқ ба фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқ.** Татбиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи он фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда барои ҳар як шаҳрванди кишвар мебошад, равандест мураккаб ва бисёрсамта, ки бо таъмини амалии ҳуқуқу озодиҳои шахс, хусусан дар соҳаи меҳнат, робитаи зич дорад. Зеро маҳаки асосии расидан ба ҳадафи шароити зиндагии арзандаи инсон меҳнати шоиста мебошад. Ҳамчун, меҳнат яке аз унсурҳои калидии фароҳам овардани зиндагии шоиста, заминаи воқеии амалӣ шудани ғояҳои давлати иҷтимоӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Меҳнат, ҳамчун воситаи асосии таъмини шароити иҷтимоиву иқтисодии инсон ва ҳамзамон механизми татбиқи адолати иҷтимоӣ, яке аз рукнҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи масъалаҳои марбут ба татбиқи ҳуқуқи инсон ба меҳнат дар заминаи конститутсионӣ ва

ҳуқуқии кишвар, аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, ба сифати мавзӯи мубрами рӯз мавқеи устувор касб мекунад.

Дар шароити мураккаби ҷаҳонишавӣ, ки бо густариши равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии фаромиллӣ ҳамроҳ аст, масъалаи ташаккул ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин бунёди давлати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ аз аҳамияти махсус бархӯрдор гардидааст. Дар ин раванд, таъмини амалии ҳуқуқи инсон ба меҳнат ва танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии он ба сифати яке аз ҳуқуқҳои асосии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ба яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ ва ҳуқуқии кишвар табдил меёбад.

Стратегияи рушди ҳар як давлат, пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии муносибатҳои ҷамъиятӣ равона гардида, на танҳо воқеияти иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандонро инъикос мекунад, балки шароити зарурро барои амали озодонаи шахсият дар ҷомеа низ фароҳам месозад. Ин раванд, бо таъсири мустақим ба ташаккули муҳити мӯътадили иҷтимоӣ ва таъмини суботи миллӣ, заминаҳои воқеии амнияти ҷамъиятӣ ва сиёсиро бунёд мегузорад. Дар маҷмӯъ, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба ҳайси қисми таркибии стратегияи рушди давлат, кафолати ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ба шумор меравад.

Яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсионии шахс – ҳуқуқ ба меҳнат мебошад, ки амалӣ гардидани он на танҳо имкони иштирок дар фаъолияти иқтисодию иҷтимоиро фароҳам месозад, балки заминаи ҳуқуқии таъмини маҷмӯи васеи дигар ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро низ муайян менамояд. Ҳуқуқ ба меҳнат, ҳамчун рукни муҳими низоми ҳуқуқии конститутсионӣ, дар ҳадафи умумии давлат оид ба таъмини зиндагии шоиста ва таҳкими адолати иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда дорад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ, дар раванди таҳкими арзишҳои универсалии ҳуқуқи инсон, аз ҷумла дар соҳаи ҳуқуқ ба меҳнат, нақши муайянкунанда дорад. Дар он як қатор принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалӣ, аз қабили «озодии меҳнат», «манъи меҳнати иҷборӣ», ва «муҳайё намудани шароити мусоиди меҳнат» дарҷ

гардидаанд, ки дар шароити гузариши кишвар аз низоми иқтисоди фармондеҳӣ-маъмурӣ ба модели иқтисоди бозорӣ заминаи ҳуқуқии устувор фароҳам овардаанд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии шиддатноки муносибатҳои меҳнатӣ, таҳқиқи илмии моҳияти ҳуқуқ ба меҳнат, озодии меҳнат ва танзими ҳуқуқии он аҳамияти афзоянда касб мекунад. Аз ҷумла, баррасии таносуб ва фарқияти ҳуқуқии ду категорияи калидӣ - «озодии меҳнат» ва «ҳуқуқ ба меҳнат», инчунин таҳлили муқаррароти стандартҳои байналмилалии меҳнат ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавзӯи муҳими пажӯҳиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки то ба имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти фарогир ва бунёдӣ доир ба масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат ва роҳҳои такмили низоми қонунгузории миллии соҳа, ба таври кофӣ анҷом наёфтааст. Норасоии таҳқиқоти комплесии илмӣ дар ин самт боиси он гардидааст, ки бисёре аз паҳлуҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат, аз ҷумла масъалаҳои кафолати татбиқи он, маҳдудиятҳо, механизмҳои ҳифз ва мутобиқсозӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ, то ҳол таҳлили амиқу муназзам наёфтаанд.

Масъалаҳои дар боло зикршуда, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз дидгоҳи амалӣ, мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро таъйид менамоянд. Ин ҳолат зарурати таҳияи пешниҳоду тавсияҳои илман асоснок ва амалишавандаро баҳри такмили қонунгузории миллӣ ва тақвияти механизми амалисозии ҳуқуқи шахс ба меҳнат тақозо менамояд. Дар маҷмӯъ, татбиқи илмии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшаванда метавонад заминаи устувор барои таҳкими кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат ва таъмини шароити муносиб барои амалӣ гардидани он дар амалия фароҳам оварад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Дар рисолаи илмии пешниҳодгардида

бори аввал дар доираи ҳуқуқи конститутсионӣ ба таври низомманд шаклҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар таҷрибаи байналмилалӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд. Муаллиф дар асоси таҳқиқи қонунгузории миллӣ ва таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷӣ, хусусиятҳо ва механизми амалисозии ин ҳуқуқро дар низоми конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

Яке аз навгониҳои назариявии рисола дар он ифода меёбад, ки ҳуқуқи шахс ба меҳнат ҳамчун як навъи ҳуқуқи субъективии шахс шарҳ дода шудааст. Муаллиф ҳуқуқи мазкурро чунин таъриф менамояд: “имконияти шахс барои иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди ӯ эътироф ва тавассути низоми кафолатҳои ҳуқуқии муқарраршуда дар қонунгузорӣ таъмин мегардад”. Ин равиш имконият медиҳад, ки муносибатҳои меҳнатӣ на танҳо ҳамчун низоми ҳуқуқҳои объективӣ, балки ҳамчун маҷмӯи ҳуқуқҳои инфиродӣ дар заминаи иродаи озоди шахсият арзёбӣ шаванд.

Бо такя ба таҳлили ин категорияи ҳуқуқӣ, муаллиф ба хулосае меояд, ки таҳкими асосҳои конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат, ба сифати падидаи мураккаби иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, ниёз ба ислоҳоти мақсаднок ва ҳамоҳангсозии минбаъдаи меъёрҳои миллиро бо стандартҳои байналмилалии меҳнатӣ дорад.

Дар раванди таҳқиқоти илмии худ, диссертант ҳуқуқ ба меҳнатро ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон мавриди таҳлил қарор дода, таъкид намудааст, ки заминаи асосии он ифодаи иродаи озоди шахс барои анҷом додани фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Муаллиф нишон додааст, ки ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду сатҳ - танзими бевосита ва бавоситаи конститутсионӣ амал мекунад.

Аз рӯи таҳлили муаллиф, танзими бевоситаи ҳуқуқ ба меҳнат дар моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки тибқи он ҳар шахс ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи шароити меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ дар ҳолати бекорӣ дорад.

Дар баробари ин, танзими бавоситаи ҳуқуқ ба меҳнат тавассути дигар меъёрҳои конститутсионӣ, аз ҷумла моддаҳои 12, 28, 37 ва 39-и

Конститутсия татбиқ мешавад. Ин моддаҳо ба таври умум асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии амалӣ гардидани ҳуқуқ ба меҳнатро ба танзим дароварда, бо дигар ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд робитаи мутақобила барқарор месозанд.

Дар маҷмуъ, диссертант хулоса мекунад, ки таҳкими ҳуқуқи шахс ба меҳнат ва васеъ намудани кафолатҳои ҳуқуқии он, на танҳо тавассути муқаррароти мустақими конститутсионӣ, балки дар заминаи таҳия ва татбиқи муназзами санадҳои зерқонунӣ ва сиёсати иҷтимоии давлатӣ, имконпазир ва зарур мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта**. Эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳо, муқаррароти илмӣ ва тавсияҳое, ки дар рисолаи мазкур пешниҳод шудаанд, пеш аз ҳама, дар истифодаи васеи сарчашмаҳои боэътимод ва таҳлили амиқи онҳо ифода меёбанд. Гузаронидани таҳқиқот дар асоси усулҳои муосири когнитивӣ, интихоби мақсадноки маводи назариявию амалии марбут ба мавзӯи диссертатсионӣ, инчунин ба кор бурдани усулҳои муқоисавӣ, таҳлилӣ ва низомӣ ба муҳаққиқ имкон доданд, ки вазифаҳои тадқиқотиро ҳамаҷониба ва дақиқ амалӣ намояд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳияи рисола маҷмӯи васеи адабиёти илмии ҳуқуқӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва мавқеи назариявии олимони дохилӣ ва хориҷиро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, ба доктринаи муосири ҳуқуқшиносии миллӣ ва байналмилалӣ такя намудааст. Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада инчунин, аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар заминаи санадҳои муҳими ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Суди конститутсионӣ ва таҷрибаи амалии судҳо, таҳия шудаанд.

Ин равиш ба муҳаққиқ имконият додааст, ки хулосаҳои илмии пешниҳодшудаи худро бо заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ ва амалии тадқиқотӣ асоснок намуда, тавсияҳои амалӣ барои такмили танзими ҳуқуқӣ ва

конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнатро бо эътибори илмӣ ва татбиқпазирӣ пешкаш намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**. Рисолаи илмии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар таҳти унвони «Танзими ҳуқуқӣ–конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиавии судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ омода гардидааст, дорои сохтори муназзами илмӣ буда, дар асоси талаботи методологии таҳқиқоти ҳуқуқӣ тарҳрезӣ шудааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, ду боб, ки ҳар кадоме аз зербобҳои мушаххас иборатанд (дар маҷмӯъ ҳафт зербоб), хулоса, тавсияҳои амалӣ, ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии рисола 191 саҳифаро ташкил дода, тамоми бахшҳои он бо риояи мантиқ, пайдарпаии таҳлил ва асоснокии илмӣ омода гардидаанд. Сохтори мазкур имкон медиҳад, ки масъалаи тадқиқотӣ ба таври ҳамаҷониба, бо такя ба заминаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва амалии соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар муқаддимаи рисолаи мазкур аҳамияти илмӣ ва амалӣ - ҳам назариявӣ ва ҳам амалии мавзӯи тадқиқот ба таври муфассал ва асоснок нишон дода шудааст. Ҳамзамон, дараҷаи таҳқиқи масъала дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, холигиҳои мавҷуда дар пажӯҳишҳои қаблӣ зикр шудаанд.

Мақсад ва вазифаҳои асосии тадқиқот, инчунин объект ва предмети таҳқиқот бо риояи талаботи методологии илмҳои ҳуқуқӣ дақиқ ва муайян гардидаанд. Дар баробари ин, заминаҳои назариявӣ ва усулҳои методологие, ки таҳқиқот бар он асос ёфтааст, шарҳ дода шуда, заминаи эмпирикии таҳқиқот, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқӣ, маводи таҷрибаи судӣ ва дигар маълумоти амалии марбут ба мавзӯъ, низ муаррифӣ шудаанд.

Илова бар ин, унсурҳои навоварии илмии рисола, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, ба таври возеҳ ва мустанад нишон дода шудаанд,

ки онҳо метавонанд замина барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқии соҳа гардад.

**Дар боби аввал** «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври амиқ заминаҳои назариявӣ ва меъёрии ҳуқуқи шахс ба меҳнатро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Дар он моҳият ва табиати конститутсионии ин ҳуқуқ шарҳ дода шуда, таносуби он бо дигар ҳуқуқу озодиҳои инсон аз дидгоҳи илмҳои ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф, бо такя ба таҳлили муфассали моддаҳои марбутаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофшуда, ба хулоса меояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва кафолатдодашудаи инсонӣ, на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ низ мавқеи устувор дорад.

Дар натиҷаи омӯзиши мафҳумҳои "ҳуқуқи инсон" ва "озодии инсон" бо назардошти тавзеҳоти илмӣ, муаллиф нишон медиҳад, ки ҳуқуқ ба меҳнат дорои хусусияти фаъол (мусбат) буда, татбиқи он иштироки мустақими давлатро тақозо мекунад, дар ҳоле ки озодиҳои инсон бештар бо худдорӣ ва маҳдудсозии дахолати давлат алоқамананд (саҳ. 25-и диссертатсия).

Инчунин, бо ишора ба санадҳои универсалии ҳуқуқи башар, муаллиф таъкид менамояд, ки ҳуқуқ ба меҳнат дар онҳо на танҳо эътироф, балки бо унсурҳои мазмунӣ ва меъёрии ҳадди ақал мустаҳкам гардида, ба давлатҳо уҳдадорӣ мегузорад, ки кафолатҳои амалӣ гардидани ин ҳуқуқро дар сатҳи миллии худ таъмин намоянд (саҳ. 44 диссертатсия).

Ҳамин тавр, натиҷаҳои илмии бадастомада ба такмили назариявии категорияи «ҳуқуқ ба меҳнат» дар низоми ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат намуда, инчунин заминаи муҳими ҳуқуқӣ барои рушди минбаъдаи қонунгузорӣ ва сиёсати иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам месозанд.

**Боби дуюм тахти унвони** «Механизми амалигардонии ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таҳлили ҳамаҷонибаи раванди амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат дар сатҳи амалӣ ва меъёрӣ равона шудааст. Тадқиқот дар чор самти асосӣ: тартиби

амалигардонии ҳуқуқ ба меҳнат, кафолатҳои давлатӣ, механизмҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва шаклҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат амалӣ гардидааст.

Муаллиф дар таҳлили худ зина ба зина раванд ва муҳтавои амалигардонии ҳуқуқи меҳнатро дар доираи низоми ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, ба хулоса меояд, ки кафолати воқеии ҳуқуқ ба меҳнат, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти низоми устувори механизмҳои татбиқ, назорат ва ҳимояи ҳуқуқҳо вобаста аст.

Аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ, мавзӯи маҳдудсозии ҳуқуқи шахс ба меҳнат бо тавзеҳоти тоза ва бо рӯйкарди танқидӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки набудани таъриф ва низоми равшани ҳуқуқии «маҳдудкунии ҳуқуқи инсон» дар қонунгузории миллии Тоҷикистон, ба вуҷуд омадани номуайянии ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалиро дар татбиқи ин мафҳум ба миён овардааст. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳияи таърифи мушаххас ва меъёрии он бо мазмуни амиқи конститутсионӣ таъкид мегардад (саҳ.101 диссертатсия).

Инчунин, бо такя ба принсипҳои умумии ҳуқуқи инсон ва санадҳои байналмилалӣ, муаллиф ҳадафмандона нишон медиҳад, ки маҳдудиятҳои қонунӣ танҳо дар ҳолате қобили қабуланд, ки ба гурӯҳҳои махсуси ҳуқуқ (монанди ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ё ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ) иртибот дошта бошанд ва онҳо бо принсипи мутаносибӣ ва зарурат асоснок гарданд. Дар ҳолатҳои дигар, муқаррар намудани ҳама гуна талабот ва шартҳои иловагӣ ҳамчун маҳдудияти ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад” (саҳ.112 диссертатсия).

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада дар боби дуюм ба кашфи мушкилоти воқеии амалигардонии ҳуқуқ ба меҳнат, муайянсозии роҳҳои сохторӣ ва меъёрии ҳалли онҳо, инчунин ба таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия дорои арзиши илмии назаррас мебошанд ва метавонанд ба такмили назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва инкишофи минбаъдаи қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд барои беҳтарсозии

амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат, инчунин барои такмил додани меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, бахусус Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории меҳнатии кишварҳои ИДМ, истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои амалии пажӯҳиш метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳсилоти касбии соҳаи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши курсҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ ва ҳуқуқи инсон мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Диссертант дар маҷмӯъ муаллифи 14 мақолаи илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебошад, ки аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд. Ҳамаи мақолаҳо бо мавзӯъ ва мазмуни рисолаи илмӣ ҳамоҳангӣ ва иртиботи мустақим доранд, ки ба баланд бардоштани арзиши илмии тадқиқот мусоидат менамоянд.

Қобили қайд аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Мирзозода Ш.М. ба бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф бо мустақилият ва ҳамоҳангии мазмуну мантиқӣ таҳия гардида, сатҳи навгонии илмӣ, нуктаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, бо мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Услуби таҳқиқот, масъалагузорӣ ва тарзи навишт равшании саҳми шахсии муаллифро дар эҷоди таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти масъалаҳои баррасишуда, ба муҳаққиқ Мирзозода Шаҳриёр Мунавар тавсия дода мешавад, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба таҳлили амиқи масъалаҳои баҳсбарангез дар заминаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи меҳнатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд. Дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои имлоӣ ҷой доранд, ки аз байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон иброз намуд:

1. Дар нуқтаи 4 ба ҳимоя пешниҳодшуда, муаллиф танзими ҳуқуқ ба меҳнатро дар санадҳои байналмилалӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои хусусияти умумӣ ва санадҳои махсусгардонидашуда дар соҳаи меҳнат. Ба гурӯҳи аввал Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дохил мешаванд, дар ҳоле ки гурӯҳи дуюмро Конвенсияҳо ва тавсияҳои Созмони Байналмилалии Меҳнат (СБМ) ташкил медиҳанд. Гарчанде ки чунин гурӯҳбандӣ саҳеҳ ва методологӣ дуруст аст, муаллиф дар рисола тавсияҳои СБМ-ро бо таври умумӣ баррасӣ намуда, мушаххас накардааст, ки кадоме аз онҳо ба қонунгузории миллии Тоҷикистон ворид гардидаанд. Аз ин рӯ, тавсия дода мешавад, ки муаллиф дар ҷараёни ҳимоя ба таври возеҳ нишон диҳад, кадом тавсияҳои СБМ дар қонунгузории миллӣ ҷой дода шудаанд ва кадоме ҳанӯз татбиқ наёфтаанд.

2. Муаллиф дар рисола масъалаи ҷалби қувваи кории хориҷиро ҳамчун як роҳкори эҳтимолии ҳалли мушкилоти бозори меҳнат баррасӣ намуда, пешниҳод мекунад, ки Консепсияи ҷалби мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ таҳия гардад. Ин пешниҳод бо ҳадафҳои стратегии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳадафи чоруми стратегии саноатикунонии босуръат, мувофиқат дорад ва аз нигоҳи сиёсати ҳуқуқӣ ҷолиб мебошад. Бо вуҷуди ин, матни рисола ҷузъиёти эҳтимолии Консепсияи зикршударо пурра инъикос намекунад. Аз ин рӯ,

тавсия мешавад, ки муаллиф дар шарҳи худ ё ҳангоми ҳимояи диссертатсионӣ масъалаҳои асосие, ки бояд дар чунин Консепсия ифода ёбанд (масалан, механизмҳои интихоби кадрҳо, шартҳои воридшавӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, низоми назорат ва ғайра), мушаххасан пешниҳод намояд.

3. Муаллиф масъалаи ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнатро ба се зернизом вобаста ба дараҷаи иштироки давлат дар механизми ҳимояи ҳуқуқи инсон тақсим намуда, ҳар як зернизомро дар сатҳи назариявӣ муфассал тавсиф кардааст. Аз ҷумла, муҳофизати инфиродӣ, ҳимояи дастаҷамъона тавассути иттифоқҳои касаба, ҳалли баҳсҳо тавассути арбитраж ва суд, инчунин дахолати бевоситаи мақомот ҳамчун зернизомҳои алоҳида шиносоӣ шудаанд. Аммо, баррасии фаъолияти мақомоти ваколатдор, хосса Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сатҳи амалӣ маҳдуд боқӣ мондааст. Аз ҷумла, маълумотҳои оморӣ, таҳлили фаъолияти амалии ин мақомот ва таъсири онҳо ба татбиқи ҳуқуқи меҳнатӣ дар рисола мавҷуд нестанд. Тавсия мешавад, ки муаллиф дар ҷараёни ҳимоя ин нуктаҳоро бо далелҳои мушаххас, аз ҷумла маълумотҳои оморӣ ва таҳлили парвандаҳои дахлдор, пурра намояд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмуни илмӣ, сохтори методологӣ ва арзиши амалии рисола осеб намерасонанд ва сифати умумии таҳқиқоти диссертатсиониро паст намекунанд. Баръакс, татбиқи ин пешниҳодҳо метавонад мазмуни илмӣ ва аҳамияти амалии кори мазкурро боз ҳам мустаҳкамтар гардонад.

Рисола ҳамчун кори мустақил, эҷодкорона ва мукаммал ба тамоми талаботи илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамчунин, автореферат ва интишороти илмии довталаб мазмуни амиқи диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

(илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон А.Х. Бобоев

**Имзои А.Х. Бобоевро тасдиқ мекунам:**
Сармутахассис оид ба ҳайати кадрии
раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон М.Т. Дӯсматова

**Суроғаи муқарриз:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1
Тел.: +992 (3422) 2-38-11
Email: Info@tsulbp.tj

13.08.2025